# Илиёс



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."


ҲАНГОМЕ КИ ОСО ПОДШОҲИ ЯҲУДО БУД, ДАР ИСРОИЛ КАСЕ ҚУДРАТ ЁФТ, КИ АЗ ҲАМАИ ПЕШГУЗАШТАГОНАШ БАДТАР БУД – АҲЪОБ.
Ӯ БЕШТАР АЗ ҲАМАИ ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ ПАРВАРДИГОРРО ХАШМГИН НАМУД.
Ӯ ПАРАСТИШИ БААЛРО ДАР ТАМОМИ ЗАМИНИ ИСРОИЛ ПАҲН КАРДАН ГИРИФТ.
МО НА ТАНҲО ДАР СОМАРИЯ, БАЛКИ ДАР ТАМОМИ ШАҲРҲОИ ИСРОИЛ МАЪБАДҲОИ БААЛРО МЕСОЗЕМ.
ҲА, ХОҶААМ.
ИЛОВА БА ИН БАДКИРДОРӢ Ӯ ИЗОБАЛ ДУХТАРИ ЭТБААЛ (1), ПОДШОҲИ СИДӮНИЁНРО БА ЗАНӢ ГИРИФТ.
ВА ЗАНИ МАН 450 КОҲИНОНИ БААЛРО ВА 400 ПАЙҒАМБАРИ АШЕРАРО КИРО МЕКУНАД.
БААЛ ХУДОИ ОЛИИ ДИНИ КАНЪОНИЁН БУД. Ӯ ХУДОИ БОРОНИ САХТ БУД, КИ ОБИ БАРОИ ҲОСИЛИ ФАРОВОН ДАРКОРИРО ТАЪМИН МЕНАМУД.НОМИ Ӯ МАЪНОИ «ҶАНОБ, ШАВҲАР, СОҲИБ»-РО ДОШТ.


ҲАНГОМЕ КИ АҲЪОБ ДАР СОМАРИЯ УСТУВОР МЕГАРДИД, ДИГАР ШАХС, БАР ХИЛОФИ ФАРМУДАИ ХУДО, КӮШИШ МЕКАРД ЯКЕ АЗ ШАҲРҲОРО БАРҚАРОР ВА МУСТАҲКАМ КУНАД.
ДАР СОЛИ 1451 ТО МИЛОД ЕҲУШАЪ ИБНИ НУН АРИҲОРО ХАРОБ НАМУДА, ЧУНИН ГУФТА БУД …
ЛАЪНАТИ ХУДО БАР КАСЕ БОД, КИ АРИҲОРО БАРҚАРОР КАРДАНӢ МЕШАВАД …
БУНЁДИ ШАҲРРО БАР НАХУСТЗОДААШ БУНЁД МЕКУНАД. (1)
БАР ПИСАРИ ХУРДИИ ХУД ДАРВОЗАҲОИ ОНРО МЕШИНОНАД. (2)
ВА ҲАМААШ МАҲЗ ҲАМИН ТАВР ШУД.
(1) ЧУНИН ҲИСОБИДА МЕШАВАД, КИ ҲАНГОМЕ Ӯ БУНЁДИ ШАҲРРО ГУЗОШТ, ПИСАРИ КАЛОНИЯШ, УМЕДИ ОИЛА, АЗ ДАСТИ ПАРВАРДИГОР ВА ДОВАРИИ Ӯ МУРД, ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ ЯКЕ ПАЙИ ДИГАР МУРДАНД.
(2) ҲАНГОМЕ ВАҚТИ ШИНОНДАНИ ДАРВОЗАҲО РАСИД, ФАРЗАНДИ ХУРДӢ ВА ОХИРИНИ Ӯ МУРД. ҲАМИН ТАРИҚ, БА ҶОИ НИГОҲ ДОШТАНИ НОМИ Ӯ ТАМОМИ НАСЛИ Ӯ БАРҲАМ ХӮРД.
III Подшоҳон 16:34, Joshua 6:26


АММО ПАРВАРДИГОР БАРОИ ПОДШОҲ АҲЪОБ ВА ПАРАСТИШИ БААЛ ПАЁМЕ ДОШТ.
ИН ПАЁМ БА Ӯ БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАР ИЛЁС ФИРИСТОДА ШУД. (1)
(1) ИЛЁС МАЪНОИ "ПАРВАРДИГОР ХУДОСТ"-РО ДОРАД
КАЛОМИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛРО БИШНАВ.
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ, КИ БА ҲУЗУРАШ ИСТОДААМ, ҚАСАМ МЕХӮРАМ, КИ ДАР ИН СОЛҲО ШАБНАМ ВА БОРОН НАХОҲАД БОРИД, МАГАР КИ МУВОФИҚИ СУХАНИ МАН.
БА СУХАНОНИ ИН ДЕВОНА ГӮШ НАДЕҲ, ШОҲАМ.
БАЪД ПАРВАРДИГОР БА ИЛЁС МУРОҶИАТ НАМУД …
РАФТА, НАЗДИ ҶӮИ КАРИТ, КИ ДАР РӮ БА РӮИ УРДУН АСТ, ПИНҲОН ШАВ.
ВА АЗ ОН ДАРЁ ТУ ХОҲӢ НӮШИД; ВА МАН ЗОҒОНРО МЕФИРИСТАМ, КИ ДАР ОН ҶО БА ТУ ҒИЗО ОВАРАНД.
ВА ЗОҒОН БАРОИ Ӯ НОНУ ГӮШТ ДАР СУБҲ, ВА НОНУ ГӮШТ ДАР ШОМ МЕОВАРДАНД, ВА АЗ ҶӮЙ Ӯ МЕНӮШИД.


ҲАНГОМЕ КИ ҶӮЙ АЗ НАБУДАНИ БОРОН ХУШК ШУД, ХУДО БА ИЛЁС ГАП ЗАД …
БА СОРЕФОТ БИРАВ, ВА ДАР ОН ҶО СОКИН ШАВ; МАН БА БЕВАЗАНЕ ДАР ОН ҶО ФАРМУДАМ, КИ БА ТУ ҒИЗО ДИҲАД.
ОЁ КАМЕ ОБ БАРОИ НӮШИДАН ВА ПОРЧАЕ НОН НАМЕДИҲЕД?
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР, КИ ЯК МУШТ ОРД ДАР ХУМ ВА АНДАК РАВҒАН ДАР КӮЗА ДОРАМ.
ИНАК, МАН ЯК-ДУ ЧӮБПОРА МЕЧИНАМ, ВА РАФТА, ОНРО БАРОИ ХУДАМ ВА ПИСАРАМ МЕПАЗАМ, ВА МО ОНРО МЕХӮРЕМ ВА МЕМИРЕМ
НАТАРС, БА ХОНА БИРАВ ВА ОН ЧИ ГУФТӢ, БИКУН.
АММО АВВАЛ КУЛЧАИ ХУРДЕ АЗ ОН БАРОИ МАН ПУХТА, НАЗДИ МАН БИЁР, ВА БАЪД БАРОИ ХУДАТ ВА ПИСАРАТ БИПАЗ.
ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ ЧУНИН МЕГӮЯД: "ХУМИ ОРД ТАМОМ НАХОҲАД ШУД, ВА КӮЗАИ РАВҒАН КАМ НАХОҲАД МОНД, ТО РӮЗЕ КИ ПАРВАРДИГОР БОРОН БАР ЗАМИН БИБОРОНАД"».
ВАЙ РАФТА, МУВОФИҚИ ГУФТАИ ИЛЁС АМАЛ КАРД; ВА ВАЙ, ВА Ӯ, ВА АҲЛИ ХОНАИ ВАЙ ЧАНДИН АЙЁМ ХӮРДАНД
– АЗ РӮИ СУХАНИ ПАРВАРДИГОР.






III Подшоҳон 17:17-24


МАН БОЯД БО ТУ ГУФТУГӮ КУНАМ!
БЕРУН БАРОЕД. МАН БО МАЛИКА ГАП МЕЗАНАМ.
ТУ ВАЪДА ДОДӢ, КИ МАН МЕТАВОНАМ ХУДОЁНИ ХУДРО ПАРАСТИШ КУНАМ, ЧУНОН КИ ДАР СУР ВА СИДӮН БУД.
ЧӢ ГАП АСТ, АЗИЗАМ?
МАГАР МАН БА САДҲО ПАЙҒАМБАРОНИ БААЛИ ТУ ХӮРОК, САРПАНОҲ ВА МУЗД НАМЕДИҲАМ?
ҲА – АММО МАН БЕШ АЗ ИН МЕХОҲАМ.
ДАР БИСЁРИИ ШАҲРҲОЕ КИ ПАЙҒАМБАРОНИ МАН МАЪБАДИ БААЛРО БУНЁД НАМУДААНД, ҲАНӮЗ БИСЁР КАСОН МУВОФИҚИ ХУРОФОТИ ЯҲУВАИ ШУМО ПАРАСТИШ МЕКУНАНД.
ВА ТУ ЧӢ КАРДАНӢ ҲАСТӢ?
ОНҲОРО БИКУШ.
ХАЛҚИ ХУДАМРО?
НЕ, ФАҚАТ ПАЙҒАМБАРОН ВА КОҲИНОНРО, КИ ОНҲОРО БА ПАРАСТИШИ ЯҲУВА ВОДОР МЕКУНАНД.
ОНҲОРО БА ДАСТИ ТУ ДОДАМ … ҲАР КОРЕ БИХОҲӢ, БИКУН.
БА МАН НАЗДИКТАР БИЁ.
АКНУН… ТУ БОАНДЕШАТАР ҲАСТӢ… ВА ТАБЪИ МАРО БАЛАНДТАР БАРДОШТӢ.






III Подшоҳон 18:1-15


ОЁ ТУ ҲАСТӢ, КИ ИСРОИЛРО БА ИЗТИРОБ АНДОХТАЙ?
ИСРОИЛРО МАН БА ИЗТИРОБ НААНДОХТААМ, БАЛКИ ТУ ВА ХОНАДОНИ ПАДАРАТ.
ТУ АҲКОМИ ПАРВАРДИГОРРО ТАРК КАРДӢ, ВА БААЛҲОРО ПАЙРАВӢ НАМУДӢ.
ВА АЛҲОЛ ФИРИСТОДА, ТАМОМИ ИСРОИЛРО НАЗДИ МАН БАР КӮҲИ КАРМИЛ ҶАМЪ КУН.
ВА НИЗ ЧОРСАДУ ПАНҶОҲ НАФАР ПАЙҒАМБАРОНИ БААЛ ВА ЧОРСАД НАФАР ПАЙҒАМБАРОНИ АШЕРАРО, КИ АЗ ДАСТАРХОНИ ИЗОБАЛ ХӮРОК МЕХӮРАНД, ИН ҶО ҶАМЪ КУН.
??!
ПОДШОҲ МЕФАРМОЯД, КИ ҲАМАИ ПАЙҒАМБАРОНИ БААЛ ВА ҲАМАИ ПАЙҒАМБАРОНИ АШЕРА ДАРҲОЛ НАЗДИ Ӯ БА КӮҲИ КАРМИЛ РАВАНД.
ТО БА КАЙ ШУМО ДАР МИЁНИ ДУ АҚИДА МЕКАЛАВЕД?
АГАР ПАРВАРДИГОР АСТ ХУДО, – ӮРО ПАЙРАВӢ НАМОЕД, ВА АГАР БААЛ АСТ, – ВАЙРО ПАЙРАВӢ НАМОЕД».
III Подшоҳон 18:16-23


МАН ТАНҲО ҲАМЧУН ПАЙҒАМБАРИ ПАРВАРДИГОР БОҚӢ МОНДААМ, ВАЛЕКИН ПАЙҒАМБАРОНИ БААЛ ЧОРСАДУ ПАНҶОҲ НАФАРАНД.
БИГЗОР БА МО ДУ ГОВ ДИҲАНД …
БИГУЗОР ПАЙҒАМБАРОНИ БААЛ ЯК ГОВРО БАРОИ ХУД ИНТИХОБ НАМОЯНД, ВА ОНРО ПОРА-ПОРА КАРДА, БАР ҲЕЗУМ МОНАНД, ВАЛЕ ОТАШ НАГУЗОРАНД.
ВА МАН ГОВИ ДИГАРРО ТАЙЁР КАРДА, БАР ҲЕЗУМ МЕМОНАМ, ВАЛЕ ОТАШ НАМЕГУЗОРАМ.
БАЪД ШУМО НОМИ ХУДОИ ХУДРО ХОНЕД, ВА МАН НОМИ ПАРВАРДИГОРРО МЕХОНАМ.
ОН ХУДОЕ КИ БО ОТАШ ҶАВОБ ГАРДОНАД, ХУДОИ ҲАҚИҚИСТ.
ПЕШНИҲОДИ ОЛИДАРАҶА!
ЯК ГОВРО БАРОИ ХУД ИНТИХОБ НАМУДА, ШУМО АВВАЛ ТАЙЁР КУНЕД, ЗЕРО КИ БИСЁР ҲАСТЕД.
НОМИ ХУДОИ ХУДРО БИХОНЕД, ВАЛЕ ОТАШ НАГУЗОРЕД.


ОНҲО АЗ САҲАР ТО БЕГОҲ ФАРЁД МЕЗАДАНД …
МОРО БИШНАВ, БААЛ, ВА ҚУДРАТИ ХУДРО БА ҲАМА НИШОН ДЕҲ.
БААЛ, БА МО ҶАВОБ ДЕҲ!
БО ОВОЗИ БАЛАНДТАР ФАРЁД КУНЕД! ЗЕРО КИ ВАЙ ХУДОСТ; ШОЯД, БА ФИКРЕ ФУРӮ РАФТА БОШАД, Ё БО ЧИЗЕ ДИГАРЕ МАШҒУЛ БОШАД, Ё ДАР САФАР БОШАД.
ШОЯД, ХОБ РАФТА БОШАД, ВА ӮРО БЕДОР КАРДАН ДАРКОР БОШАД.
ВА ОНҲО БО ОВОЗИ БАЛАНД ФАРЁД МЕКАРДАНД, ВА ХУДРО, МУВОФИҚИ ОДАТИ ХУД, БО ШАМШЕРҲО ВА НАЙЗАҲО ЗАХМДОР МЕКАРДАНД, БА ДАРАҶАЕ КИ ХУН БАР ОНҲО ҶОРӢ ШУД.
МОРО БИШНАВ, ЭЙ БААЛИ БУЗУРГ!
ХИЗМАТГОРОНАТ БА ХОТИРИ ТУ ХУНШОР ШУДААНД.






III Подшоҳон 18:30-33




III Подшоҳон 18.34-35


ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ХУДОИ ИБРОҲИМ, ИСҲОҚ ВА ИСРОИЛ! БИГЗОР ИМРӮЗ МАЪЛУМ ГАРДАД, КИ ТУ ДАР ИСРОИЛ ХУДО ҲАСТӢ, ВА МАН БАНДАИ ТУ ҲАСТАМ, ВА ҲАМАИ ИНРО БО АМРИ ТУ КАРДААМ.
МАРО БИШНАВ, ЭЙ ПАРВАРДИГОР, БА МАН ҶАВОБ ДЕҲ! ВА БИГЗОР ИН ҚАВМ ДАРК КУНАНД, КИ ТУ ПАРВАРДИГОР ХУДО ҲАСТӢ, ВА ТУ ДИЛИ ОНҲОРО ХОҲӢ БАРГАРДОНИД».
ПАРВАРДИГОР ХУДОСТ! ПАРВАРДИГОР ХУДОСТ!








III Подшоҳон 18:40-43




III Подшоҳон 18:44-19:2






III Подшоҳон 19:3-9


ЭЙ ИЛЁС, ТУРО ДАР ИН ҶО ЧӢ КОР АСТ?
МАН БАРОИ ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ЛАШКАРҲО БО ҶИДДУ ҶАҲД КОР КАРДАМ, АММО МАРДУМИ ИСРОИЛ ПАЙМОНИ ТУРО ТАРК НАМУДАНД.
ҚУРБОНГОҲҲОИ ТУРО ВАЙРОН КАРДАНД ВА ПАЙҒАМБАРОНИ ТУРО КУШТАНД.
ТАНҲО МАН БОҚӢ МОНДААМ, ВАЛЕ МАРО НИЗ МЕТАЛАБАНД, ТО КИ БИКУШАНД.
БЕРУН ОЙ ВА БАР КӮҲ БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР БИИСТ.
ВА ҲАНГОМЕ КИ ИЛЁС ОН ҶО ИСТОДА БУД, ПАРВАРДИГОР АЗ НАЗДИ Ӯ ГУЗАШТ.
БОДИ АЗИМ ВА ПУРЗӮРЕ ... ВАЛЕ ПАРВАРДИГОР ДАР БОД НЕСТ.
ВА БАЪД АЗ БОД – ЗАМИНҶУНБИЕ, ВАЛЕ ПАРВАРДИГОР ДАР ЗАМИНҶУНБӢ НЕСТ.
ВА БАЪД АЗ ЗАМИНҶУНБӢ – ОТАШЕ, ВАЛЕ ПАРВАРДИГОР ДАР ОТАШ НЕСТ.
III Подшоҳон 19:9-12





III Подшоҳон 19:12-18


ВА Ӯ АЗ ОН ҶО РАФТА, ЭЛИШОЪРО (1) ЁФТ, КИ ВАЙ БО ЁЗДАҲ ҶУФТ ГОВ, КИ ПЕШОПЕШИ ВАЙ БУДАНД, ШУДГОР МЕКАРД, ВА ХУДАШ ДАР ОХИР БО ҶУФТИ ОХИРИН БУД.
ТУ ИНТИХОБ ШУДАЙ, КИ МАРО ЧУН ПАЙҒАМБАРИ ПАРВАРДИГОР ИВАЗ КУНӢ.
ИҶОЗАТ БИДЕҲ, КИ БО ПАДАРУ МОДАРУ ХУД ХАЙРУХУШ КУНАМ, СИПАС АЗ АҚИБИ ТУ БИРАВАМ!
НАЗДИ ОНҲО БИРАВ, АММО БА ҲЕҶ ЧИЗ ИМКОН НАДЕҲ, КИ ТУРО АЗ ВАЗИФААТ ДАР НАЗДИ ПАРВАРДИГОР БОЗДОРАД.
ПАГОҲ МАН ЁРДАМЧИИ ПАЙҒАМБАР ШУДА МЕРАВАМ.
ТУ БА ПАРВАРДИГОР БАХШИДА ШУДАЙ – БА Ӯ ВАФОДОРОНА ХИЗМАТ КУН.
(1) НОМИ ЭЛИШОЪ МАЪНОИ «ПАРВАРДИГОР НАҶОТ МЕДИҲАД».
III Подшоҳон 19:19-21






III Подшоҳон 20:1-12




III Подшоҳон 20:13-21






III Подшоҳон 20:22-30


БИН-ҲАДАД БА ҲУҶРАИ ДОХИЛӢ ДАР ШАҲР ПИНҲОН ШУД.
МАН ШУНИДААМ, КИ ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ РАҲМДИЛ ҲАСТАНД.
ПАЛОСҲО БА КАМАРИ ХУД ВА АРҒАМЧИНҲО БАР САРИ ХУД БИБАНДЕМ, ВА НАЗДИ ПОДШОҲИ ИСРОИЛ БАРОЕМ, КИ ШОЯД Ӯ БА ҶОНИ ТУ РАҲМ НАМОЯД.
БАНДААТ БИН-ҲАДАД МЕГӮЯД: "ЛУТФАН, БА ҶОНИ МАН РАҲМ НАМО".
ОЁ ВАЙ ҲАНӮЗ ЗИНДА АСТ? ВАЙ БАРОДАРИ МАН АСТ.
РАФТА, ВАЙРО БИЁРЕД.
ОРЕ, БАРОДАРАТ БИН-ҲАДАД!
МАН ТУРО БО ҲАМИН ПАЙМОН РАҲО МЕКУНАМ.
ШАҲРҲОЕРО, КИ ПАДАРАМ АЗ ПАДАРАТ ГИРИФТА БУД, БАРМЕГАРДОНАМ; ВА ТУ БОЗОРГОҲҲО БАРОИ ХУД ДАР ДИМИШҚ ХОҲӢ ДОШТ, ЧУНОН КИ ПАДАРАМ ДАР СОМАРИЯ ДОШТ.






III Подшоҳон 20:35-38


ХОҶААМ, МАН ДАР ҲАРБУ ЗАРБ БУДАМ, ВА ШАХСЕ КАСЕРО НАЗДИ МАН ОВАРДА, ГУФТ: "ИН ОДАМРО ПОСБОНӢ КУН; АГАР ВАЙ ҒОИБ ШАВАД, КУШТА МЕШАВӢ, Ё КИ 100 000 ТАНГА МЕДИҲӢ! "
АММО ҲАНГОМЕ МАН БО БАЪЗЕ КОРҲО МАШҒУЛ БУДАМ, АСИР ҒОИБ ШУД!
СУХАНОНИ ХУДАТ ТУРО МАҲКУМ МЕКУНАНД – ТУ ХУДАТ АЙБДОР ҲАСТӢ ВА БОЯД ПУЛ ДИҲӢ!
«ПАРВАРДИГОР ЧУНИН МЕГӮЯД: "АЗБАСКИ ТУ КАСЕРО, КИ МАН БА МАРГ МАҲКУМ НАМУДААМ, РАҲО КАРДӢ, ҶОНИ ТУ ДАР ИВАЗИ ҶОНИ ВАЙ, ВА ҚАВМИ ТУ ДАР ИВАЗИ ҚАВМИ ВАЙ ХОҲАД БУД"».
ВА ПОДШОҲИ ИСРОИЛ ҒАМГИН ВА ПАРЕШОНҲОЛ ГАРДИДА, БА ХОНАИ ХУД БА СОМАРИЯ РАФТ.


АҲЪОБ ДАР ИЗРЕЪИЛ БАРОИ ХУД БОЗ ЯК ҚАСР СОХТ, КИ НА ДАР ШАҲРИ СОМАРИЯ БУД. БОРЕ Ӯ ТОКЗОРЕРО ДАР НАЗДИ ҚАРИ ХУД ДИДА ОНРО ХАРИДАНӢ ШУД, ТО КИ БА МУЛКИ ХУД ҲАМРОҲ КУНАД.
МУЛКИ ТУ БА МУЛКИ МАН ҲАМСАРҲАД АСТ. ТОКЗОРИ ХУДРО БА МАН БИФУРӮШ – БАРОИ ОН ПУЛИ ЗИЁДЕ МЕДИҲАМ. МАН ДАР ИН ҶО БАРОИ ХУД БОҒ БУНЁД КАРДАНӢ ҲАСТАМ.
ПАРВАРДИГОР ИНРО МАНЪ КАРДААСТ. ИН МЕРОСИ ПАДАРОНИ МАН АСТ, КИ АҶДОДОНИ МАН НАСЛ БА НАС ЗИНДАГӢ КАРДААНД. (1)
ВА АҲЪОБ БА ҚАСР ҒАМГИН ВА ПАРЕШОНҲОЛ ГАРДИДА, БА ХОНАИ ХУД ОМАД. ВА Ӯ БАР БИСТАРИ ХУД ХОБИДА, РӮИ ХУДРО ГАРДОНИД, ВА ХӮРОКЕ НАХӮРД!
ЧӢ ШУДААСТ? ЧАРО ПАРЕШОНҲОЛ ШУДАӢ ВА ХӮРОКЕ НАМЕХӮРӢ?
МАН БА НОБӮТ ПЕШНИҲОД КАРДАМ, КИ ТОКЗОРАШРО БА МАН ФУРӮШАД, Ё ДАР ИВАЗИ ОН ТОКЗОРИ ДИГАРЕ АЗ МАН БИГИРАД, АММО Ӯ РОЗӢ НАШУД!
ТУ ПОДШОҲИ ИСРОИЛ ҲАСТӢ Ё НЕ? БАРХЕЗ БА БИХӮР, ВА ДАР ИН ХУСУС ПАРВО НАКУН.
МАН ТОКЗОРИ НОБӮТИ ИЗРЕИЛИРО БА ТУ ХОҲАМ ДОД!
(1) ПАРВАРДИГОР БА ИСРОИЛИЁН БАРОИ ҲАМЕША ФУРӮХТАНИ ЗАМИНҲОЯШОНРО МАНЪ КАРДА БУД (ИБОДАТ 25:23-28; АДАДҲО 36:7-9), АЗ ҲАМИН САБАБ, НОБӮТ ВА ПАРВАРДИГОР ИТОАТ НАМУДА, ПЕШНИҲОДИ АҲЪОБРО РАД КАРД.




(1) КУФР ГУФТАН ДАР ҲАҚҚИ ХУДО ВА ПОДШОҲ БО МАРГ ҶАЗО ДОДА МЕШУД (ХУРУҶ 22:28).
(2) ҲАМИН ТАВР ОНҲО АЗ ҲАМАИ ВОРИСОНИ ЗАМИН ХАЛОС ШУДА МЕТАВОНИСТАНД.

III Подшоҳон 21:8-13, IV Подшоҳон 9:26






III Подшоҳон 21:13-16




III Подшоҳон 21:17-24


ҲАНӮЗ КАСЕ МИСЛИ АҲЪОБ ХУДРО ПУРРА БА ИБЛИС НАФУРӮХТА БУД, ЗЕРО ЗАНАШ ИЗОБАЛ ӮРО БА ҲАР КОРИ БАД БАМЕАНГЕХТ.
Ӯ МАХСУСАН ДАР ОН АЙБДОР БУД, КИ БУТҲОРО ПАЙРАВӢ НАМУД, ЧУНОН КИ АМӮРИЁН МЕКАРДАНД, КИ ОНҲОРО ПАРВАРДИГОР АЗ ПЕШИ БАНӢ ИСРОИЛ БАДАР РОНДА БУД.
ИН ПАЙҒАМБАРИҲО АҲЪОБРО САХТ БА ИЗТИРОБ ОВАРДАНД.
??
ҲАНГОМЕ КИ АҲЪОБ ИНРО ШУНИД, ЛИБОСҲОЯШРО ДАРОНИД, ВА ПАЛОСЕ ДАР БАР КАРД, ВА РӮЗА ДОШТ, ВА ДАР ПАЛОС МЕХОБИД, ВА ҒАМГИНОНА РОҲ МЕРАФТ.
ОЁ АҲЪОБРО МЕБИНӢ, ЧӢ ГУНА БА ҲУЗУРИ МАН ГАРДАН ФУРОВАРДААСТ? АЗБАСКИ Ӯ ЧУНИН КАРД, ОН ФАЛОКАТРО ДАР АЙЁМИ ЗИНДАГИИ НАМЕОВАРАМ. ИН БО ПИСАРОН ВА АВЛОДОНИ Ӯ РӮЙ ХОҲАД ДОД.


БАЙНИ ИСРОИЛ ВА АРАМ СЕ СОЛ ҶАНГ НАБУД, АММО АҲЪОБ ҲАНӮЗ АЗ ЧИЗЕ НОРОҲАТ БУД, ВА ҲАНГОМЕ ЕҲӮШОФОТ, ПОДШОҲИН ЯҲУДО НАЗДИ Ӯ ОМАД, ИНРО БА Ӯ ГУФТ.
РОМӮТ-ҶИЛЪОД ҲАНӮЗ ДАР ДАСТИ АРАМИЁН АСТ.
ДАР НАЗАР БУД, КИ БИН-ҲАДАД ОНРО БАРМЕГАРДОНАД – АММО МО ҲЕҶ КОР НАКАРДА ИСТОДАЕМ.
ОЁ ЛАШКАРИ ХУДРО БО ЛАШКАРИ МАН БАРОИ БОЗГАРДОНДАНИ РОМӮТ-ҶИЛЪОД МЕФИРИСТӢ?
МО БАРОДАРОН ҲАСТЕМ – ОДАМОНИ МАН ВА АСПОНИ МАН БА ТУ ТААЛЛУҚ ДОРАНД.
ВА ПОДШОҲ АҲЪОБ 400 НАФАР ПАЙҒАМБАРОНАШРО ҶЕҒ ЗАД. (1)
ОЁ БА РОМӮТ-ҶИЛЪОД БАРОИ ҶАНГ БИРАВАМ Ё НЕ?
ҲА, БИРАВ, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР БАРОИ ЗАБТ НАМУДАНИ ОН БА ТУ ЁРӢ МЕДИҲАД.
ОЁ ДАР ИН ҶО БОЗ ПАЙҒАМБАРИ ПАРВАРДИГОР НЕСТ?
БОЗ ЯК МАРД ҲАСТ, МИКО. ВАЛЕ МАН АЗ ВАЙ НАФРАТ ДОРАМ, ЗЕРО ВАЙ ДАР ҲАҚҚИ МАН БА ХУБӢ ПАЙҒАМБАРӢ НАМЕКУНАД, БАЛКИ БА БАДӢ.
ЧУНИН НАГӮЙ!
МИКОЙҲУ ПИСАРИ ЙИМЛАРО ЗУД БА ПЕШИ МАН БИЁР.
1 400 НАФАР ПАЙҒАМБАРОИ АҲЪОБ ГӮСОЛАИ ТИЛЛОИИ БАЙТ-ИЛРО МЕПАРАСТИДАНД, БИНОБАР ИН ОНҲО ПАЙҒАМБАРОНИ ҲАҚИҚИИ ПАРВАРДИГОР НАБУДАНД.


ПАРВАРДИГОР БА ТУ ВАЪДА МЕДИҲАД, КИ АРАМИЁНРО БО ИНҲО ШОХ ХОҲӢ ЗАД, ТО КИ ТАМОМАН НОБУД ШАВАНД.
БА РОМӮТ-ҶИЛЪОД ҲУҶУМ КУН,ЧУНКИ ПАРВАРДИГОР БА ТУ ҒАЛАБАРО МЕДИҲАД!
ПАЙҒАМБАРОН ҒАЛАБАРО ПЕШГӮЙ КАРДА ИСТОДААНД; БИГУЗОР СУХАНИ ТУ НИЗ МОНАНДИ СУХАНИ ОНҲО БОШАД.
ОЁ БА РОМӮТ-ҶИЛЪОД БАРОИ ҶАНГ БИРАВАМ Ё НЕ?
АЛБАТТА! ТУ ҒАЛАБАИ БУЗУРГ БА ДАСТ МЕОВАРӢ, ЧУНКИ ПАРВАРДИГОР БА ТУ МУВАФФАҚИЯТ АТО МЕКУНАД!
ЧАНД МАРОТИБА МАН ТУРО ОГОҲ КУНАМ, КИ ФАҚАТ ОН ЧИРО, КИ ПАРВАРДИГОР БА ТУ ГӮЯД, БА МАН БИГӮЙ?
ТАМОМИ ИСРОИЛРО МИСЛИ РАМАЕ КИ ЧӮПОН НАДОРАД, БАР КӮҲҲО ПАРОКАНДА ДИДАМ.
ВА ПАРВАРДИГОР ГУФТ: "ИНҲО СОҲИБ НАДОРАНД, ПАС БИГЗОР ҲАР ЯКЕ БА ХОНАИ ХУД БА САЛОМАТӢ БАРГАРДАНД".
ОЁ БА ТУ НАГУФТАМ, КИ ВАЙ ДАР ҲАҚҚИ МАН БА ХУБӢ ПАЙҒАМБАРӢ НАМЕКУНАД, БАЛКИ БА БАДӢ.
СУХАНИ ПАРВАРДИГОРРО БИШНАВ.


МАН ПАРВАРДИГОРРО БАР ТАХТИ ХУД НИШАСТА ДИДАМ, ВА ТАМОМИ ЛАШКАРИ ОСМОН ДАР ГИРДИ Ӯ ИСТОДА БУДАНД
КИСТ, КИ АҲЪОБРО РОЗӢ КУНАД, ТО КИ ВАЙ БА РОМӮТ-ҶИЛЪОД РАФТА ФУРӮ ҒАЛТАД?
ПЕШНИҲОДҲОИ ГУНОГУН ГУФТА ШУДАНД, ТО ДАМЕ КИ ФАРИШТАЕ НАЗДИ ПАРВАРДИГОР ОМАДА, ГУФТ …
МАН ИН КОРРО МЕКУНАМ!
ЧӢ ТАВР?
МАН РӮҲИ ДУРӮҒГӮЕ ДАР ДАҲОНИ ТАМОМИ ПАЙҒАМБАРОНИ Ӯ МЕГАРДАМ.
ТУ РОЗӢ ХОҲӢ КАРД; ТУ МУВАФФАҚИЯТ ХОҲӢ ЁФТ; ПАС ЧУНИН АМАЛ НАМО.
ПАРВАРДИГОР РӮҲИ ДУРӮҒГӮЕ ДАР ДАҲОНИ ТАМОМИ ИН ПАЙҒАМБАРОНИ ТУ ГУЗОШТААСТ.
SMACK!
БО КАДОМ РОҲ РӮҲИ ПАРВАРДИГОР АЗ МАН БА ТУ ГУЗАШТААСТ, ТО КИ БО ТУ СУХАН ГӮЯД?
ДАР ОН РӮЗЕ КИ БА ҲУҶРАИ ДОХИЛӢ ДАРОМАДА ПИНҲОН ШАВӢ, ҶАВОБРО БА САВОЛИ ХУД ХОҲӢ ДИД. АГАР ТУ БА САЛОМАТӢ БАРГАРДӢ, ПАРВАРДИГОР БА ВОСИТАИ МАН СУХАН НАГУФТА БОШАД.
СУХАНОНИ МАРО ДАР ЁД НИГОҲ ДОРЕД.
III Подшоҳон 22:19-28




III Подшоҳон 22:29-34



ААAҲҲҲ!!!
АММО ТИР НИШОНЕРО, КИ ПАРВАРДИГОР МУҚАРРАР КАРДА БУД, ЁФТ.
МАРО АЗ МАЙДОНИ ҶАНГ БЕРУН БАРОР, ЗЕРО САХТ ЗАХМӢ ШУДААМ.
ВА ДАР ОН РӮЗ ҶАНГ АВҶ ГИРИФТ, АММО АҲЪОБ БЕРУН ШУДАН НАТАВОНИСТ.
БЕГОҲИРӮЗӢ Ӯ МУРД.
ҲАМААШ ТАМОМ ШУД – БА ХОНАҲОЯТОН БАРГАРДЕД! АҲЪОБ МУРДААСТ!
ӮРО БА СОМАРИЯ ОВАРДАНД ВА ДАР ОН ҶО ДАФН КАРДАНД. ВА АРОБА ВА ЛИБОСИ ҶАНГИИ ӮРО ДАР ҲАВЗИ СОМАРИЯ, ДАР ҶОЕ КИ ФОҲИШАГОН ҒУСЛ МЕКАРДАНД, ШУСТАНД.
ВА САГОН ХУНАШРО ЛЕСИДАНД, МУВОФИҚИ СУХАНЕ КИ ПАРВАРДИГОР ГУФТА БУД.
III Подшоҳон 22:34-38


ҚИССАИ АҲЪОБ — БО ЗИМНИ ХОНА АЗ УСТУХОНИ ФИЛ ВА ШАҲРҲОЕ КИ Ӯ БИНО НАМУД, ДАР КИТОБИ ВАҚОЕЪНОМАИ ПОДШОҲОНИ ИСРОИЛ НАВИШТА ШУДААСТ.
ВА ПИСАРАШ АҲАЗЁ БА ҶОИ Ӯ ПОДШОҲ ШУД.
ДАР ЯҲУДО ЕҲУШОФОТ ТО ШАСТСОЛАГӢ ПОДШОҲӢ КАРД.
Ӯ АЗ ҲАР ҶИҲАТ БА ПАРВАРДИГОР ИТОАТ МЕНАМУД, ҒАЙР АЗ ЯК ЧИЗ: Ӯ ПАРАСТИШГОҲҲОИ БАЛАНДИҲОРО БАРҲАМ НАДОД: МАРДУМ ҲАНӮЗ БАР БАЛАНДИҲО ҚУРБОНӢ МЕКАРДАНД ВА БУХУР МЕСӮЗОНИДАНД.
ҲАМЧУНИН ПОДШОҲ ЕҲУШОФОТ ҲАМАИ ХОНАҲОИ ЛИВОТАГАРОНРО, КИ ДАР АЙЁМИ ПАДАРАШ ОСО БОҚӢ МОНДА БУДАНД, МАҲКАМ КАРД
БА ПОДШОҲ СУЛАЙМОН ТАҚЛИД НАМУДА, Ӯ КИШТИҲОИ КАЛОН СОХТ, ТО КИ БАРОИ ТИЛЛО БА ӮФИР ШИНО КУНАНД.
АММО ПАРВАРДИГОР ИН КИШТИҲОРО ШИКАСТ, ЗЕРО Ӯ БО ПОДШОҲИ БАДКИРДОР АҲЪОБ ИТТИФОҚ БАСТ.
ПАС АЗ ОН КИ ПОДШОҲ ЕҲУШОФОТ ДАР УРШАЛИМ ДАФН КАРДА ШУД, ПИСАРИ Ӯ ЕҲӮРОМ БА ТАХТ НИШАСТ.
ПОДШОҲ АҲАЗЁ ВОРИСИ ПАДАРИ ХУД АҲЪОБ ШУД, АММО ҲАМАГӢ ДУ СОЛ ҲУКМРОНӢ НАМУД, ЗЕРО ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛРО ХЕЛЕ ХАШМГИН НАМУД.


ПОДШОҲ АҲАЗЁ АЗ ПАНҶАРАИ БОЛОХОНАИ ХУД, АФТОДА, САХТ ЗАХМДОР ШУД.
РАФТА, АЗ БААЛ-ЗАБУБ, ХУДОИ ЭҚРӮН, БИПУРСЕД, КИ ОЁ МАН АЗ ИН НОТОБИИ ХУД ШИФО ХОҲАМ ЁФТ.
АММО ФАРИШТАИ ПАРВАРДИГОР ИЛЁСРО БО ПАЁМИ ДИГАР ФИРИСТОД.
ЧАРО ШУМО БАРОИ ПУРСИДАН НАЗДИ БААЛ-ЗАБУБ, ХУДОИ ЭҚРӮН, МЕРАВЕД? МАГАР ДАР ИСРОИЛ ХУДО НЕСТ?
БАРОИ ОН КИ ПОДШОҲ ЧУНИН КАРД, Ӯ ДАР БИСТАРЕ КИ БАР ОН ХОБИДААСТ, МЕМИРАД.
ЧАРО ИН ҚАДАР ЗУД БАРГАШТЕД?
ШАХСЕ БА ПЕШВОЗИ МО БАРОМАД, ВА БА МО ГУФТ: “ПАРВАРДИГОР ДОНИСТАН МЕХОҲАД, КИ ЧАРО ТУ БАРОИ ПУРСИДАН АЗ БААЛ-ЗАБУБ, ХУДОИ ЭҚРӮН, МЕФИРИСТӢ?”
«МАГАР ДАР ИСРОИЛ ХУДО НЕСТ? АКНУН, КИ ТУ ЧУНИН КАРДАӢ, АЗ БИСТАРЕРО, КИ БАР ОН ХОБИДАӢ, ТАРК НАХОҲӢ КАРД, БАЛКИ ҲАТМАН ХОҲӢ МУРД"».
ОН ШАХСЕ КИ БА ПЕШВОЗИ ШУМО БАРОМАД, КӢ БУД? НАМУДИ ЗОҲИРИИ Ӯ ЧӢ ГУНА БУД?
ВАЙ МАРДИ МӮЙДОРЕ БУД, ВА КАМАРБАНДИ ЧАРМИНИ ВАСЕЪ ДОШТ.
Ӯ ПАЙҒАМБАР ИЛЁС БУД!
ДАРҲОЛ МИРИПАНҶОҲРО БО ПАНҶОҲ НАФАР САРБОЗ НАЗДИ ВАЙ ФИРИСТЕД, ТО ӮРО ДАСТГИР КУНАД.


ЭЙ МАРДИ ХУДО! ПОДШОҲ БА ТУ МЕФАРМОЯД, КИ БО МО БИЁЙ.
АГАР МАН МАРДИ ХУДО БОШАМ, БИГЗОР ОТАШ АЗ ОСМОН ФУРӮ РЕХТА, ТУРО БО ПАНҶОҲ НАФАРАТ БИСӮЗОНАД!
АААҲҲҲ!!
ВА АҲЪОБ ДИГАР МИРИПАНҶОҲРО БО ПАНҶОҲ НАФАР САРБОЗ ФИРИСТОД.
ЭЙ МАРДИ ХУДО! ПОДШОҲ БА ТУ МЕФАРМОЯД, КИ ФАВРАН НАЗДИ Ӯ ФУРУД ОЙ.
АГАР МАН МАРДИ ХУДО БОШАМ, БИГЗОР ОТАШ АЗ ОСМОН ФУРӮ РЕХТА, ТУРО БО ПАНҶОҲ НАФАРАТ БИСӮЗОНАД!
ЙАААҲҲҲ!
НЕЕЕЕ!
АММО АЗ ОСМОН ФУРӮ РЕХТА, ОНҲОРО СӮЗОНИД.



IV Подшоҳон 1:13-18


ҲАНГОМЕ ВАҚТИ ОН РАСИД, КИ ИЛЁС БОЯД БА ОСМОН ГИРИФТА МЕШУД, Ӯ БО ЁРДАМЧИЯШ ЭЛИШОъ ҶИЛҶОЛРО ТАРК КАРД.
ЛУТФАН, ДАР ИН ҶО БИМОН, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР БА МАН ФАРМУДААСТ, КИ БА БАЙТ-ИЛ РАВАМ.
НЕ – МАН ТУРО ТАРК НАХОҲАМ КАРД!
ВА ОДАМОН АЗ МАКТАБИ ПАЙҒАМБАРОН БА ПЕШВОЗИ ОНҲО БЕРУН ОМАДАНД.
ОЁ ТУ МЕДОНИСТӢ, КИ ПАРВАРДИГОР ИЛЁСРО ИМРӮЗ АЗ БОЛОИ САРАТ ХОҲАД ГИРИФТ?
МЕДОНАМ, АММО ХОМӮШ БОШЕД.
ДАР ИН ҶО ДАР БАЙТ-ИЛ БИМОН, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР МАРО БА ЕРИҲӮ ФИРИСТОДААСТ.
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ҚАСАМ, КИ ТУРО ТАРК НАХОҲАМ КАРД.
ВА ОДАМОН АЗ МАКТАБИ ПАЙҒАМБАРОН ДАР ЕРИҲӮ БА ПЕШВОЗИ ОНҲО БЕРУН ОМАДАНД.
ОЁ ТУ МЕДОНӢ, КИ ПАРВАРДИГОР ИЛЁСРО ИМРӮЗ АЗ БОЛОИ САРАТ ХОҲАД ГИРИФТ?
МЕДОНАМ, АММО ХОМӮШ БОШЕД.
ДАР ИН ҶО БИМОН, ЗЕРО КИ ПАРВАРДИГОР МАРО НАЗДИ ДАРЁИ УРДУН ФИРИСТОДААСТ.
БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ВА БА ҲАЁТИ ТУ ҚАСАМ, КИ МАН ТУРО ТАРК НАХОҲАМ КАРД.




IV Подшоҳон 2:7-11


ЭЙ ПАДАРАМ, ПАДАРАМ!
ЭЙ АРОБАИ ИСРОИЛ ВА САВОРОНАШ!










**SUPERBIBLE.TV**